ТДУ 631. 171+330 (575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ЧОРВОДОРӢ ВА ТАСНИФОТИ ОН

**Саидаҳмадова Ш.С.- омӯзгори ДДБ ба номи Н. Хусрав**

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, рушд, чорво, самаранок, таснифот, самаранокии иқтисодӣ, марҳилаҳои рушд, таснифоти рушд.*

Дар назария рушдро ҳамчун шакли шуури таърихӣ баррасӣ мекунанд ва дар он ҳозира-гузаштаҳоро таҳлил намуда, сатҳи рушди ояндаро муайян мекунанд. Рушд тамоми ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро мегирад, аз ин рӯ, ба муайян намудани он аз абзорҳои мухталиф истифода мекунанд: технологӣ (Д. Хикс[4]) [305], глобалӣ (Н. Винер[2], У. Ростоу[3]). Рушд мушобеҳиислоҳот нест,ислоҳот ин тағйироти институсионалиро дар назар дорад, ҳаракат бошад барои тағйирёбии тарзҳо, равандҳои ҷории вакт барои ба даст овардани ҳадафи гузошташуда равона карда шудааст.

Шумпетер И. дар кори худ бо номи «Назарияи рушди иқтисодиёт» панҷ самтро муайян карда буд, ки дар расми 1 ба таври муфассал нишон дода шудааст[5].

Бояд қайд кард, ки санаде, ки аз тарафи созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд ба номи «Роҳбарии фраскатӣ», ки дар он инноватсия ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ шинохта шудааст ва дар шакли раванди технологӣ ва такмилшуда дар амалия мавриди истифода қарор мегирад, муайян карда шудааст. Ба гуфтаҳои боло метавон изофа кард, ки рушд ба рушди иқтисодӣ, ки моҳияти он на танҳо иборат аз чизи нав, балки тағйирёбии объективии чизи мавҷуда ва куҳнашудае мебошад, ки бо тақозои шароити рушди муосир ҷавобгӯ намебошад.

Рушд- ин категорияи иқтисодӣ буда, моҳияти он дар амалкарди он ва ба таври маҷмӯъ дар низоми иқтисодии давлат ва нақши он дар баъзе аз соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ равшан мегардад. Мо дар сурате рушдро амалишуда меҳисобем, ки агар он дар сурати технология ва техника дар бозор аз маҳалли сармоягузорӣ арзи вуҷуд намояд.




**Расми 1.- Коркарди муаллиф дар доираи маводҳои Шумпетер И. Теория экономического развития.- С. 213**

Таҳлили таърифҳои гуногуни «рушд» имкон медиҳанд, нуқтаҳои асосиро дар вай муайян кунем. Ин тағйиротҳо дар натиҷаи инноватсия ба даст омадаанд. Ҳамин тариқ, рушд – ин маҳсулоти тағйирёфтае мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти инноватсионие (технология, раванд, тарз), ки дар фаъолияти амалӣ мавриди истифода қарор гирифта, барои пурра қонеъ гардонидани тақозои бозор ба маҳсулоти дарёфтшуда, аз самараи иқтисодӣ мебошад. Бояд қайд кунем, ки дар ҳоли ҳозир таснифоти

илмии асоснокшудаи рушд мавҷуд нест, яъне ба таври дигар гӯем таснифоте, ки бар усули таксоналӣ (мураттаб) асос ёфта бошад (ба тартиб ҷо ба ҷо шуда).

Мутобиқ ба усулҳои таксоналӣ (мураттаб) мо кӯшиш ба харҷ додем таснифотеро ба анҷом расонем (расми 2). Нақшае, ки пешкаш шудааст, мазмуни умумии рушди амалхое, ки дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ба амал мепайвандидаро муаррифӣ менамояд. Дар рисола рушди хоҷагии қишлоқ ҳамчун раванди эволютсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои ин ҳадафҳо назарияи Й. Шмалгаузен[6] мавриди истифода шудааст, ки дар он механизми эволютсияро аз нуқтаи назари кибернетика, ҳамчун раванди ҳамкории система ва муҳити атроф ба воситаи пайдарҳамии иттилоотӣ, табдил, таҳвили итилоотӣ дар бораи хусусиятҳои ҷудогонаи элемент ва система дар маҷмӯъ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд:




**Расми 2.- Нишонаҳои таснифоти рушд аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.**

Марҳилаҳое, ки зикр шудаанд раванди ҳар гуна табиатеро дар хоҷагӣ инъикос менамоянд.

Барои марҳилаи эволютсионӣ механизмҳои дорои хусусияти мутобиқшавӣ бо муҳити хориҷ хос аст, аз ин ҷост имконоти роҳ ёфтан ба чизи ҷадид. Инҷост, ки савол ба миён меояд: Дар бораи тағйиротҳои бозор аз куҷо бояд хабар ёфт, ба таври дигар гӯем, масъалаи ҳамкории иттилоотӣ муҳимтарин омили рушди сохтори истеҳсолот ва бозори маҳсулот мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти анҷомшуда, нишон медиҳанд, ки масъалаи ҳамкории иттилоотиро ҳаллу фасл намуда, ба ин васила яке аз он шартҳо рушди самаранокро таъмин менамояд. Марҳилаҳои рушд чунин мебошанд:

Марҳилаи якум марҳилаи тавлиди идея (андеша) аст. Консепсия (барнома) ва иҷроиши он таҳия мегардад.

Марҳилаи дуюм тавлиди навоварӣ, ки устувории он ба омилҳои дохилию хориҷӣ бояд тасдиқ карда шавад.

Марҳилаи сеюм ин табдили навоварӣ ба фановарӣ (модернизатсия) мебошад. Ба ин марҳила сохтани намуна хос аст ва дар сурати муваффақ гардидан аз сохтани намуна ба истеҳсолоти доимӣ гузаштан лозим аст. Меъёри гузариш ба модернизатсияи истеҳсолот ин ба таври дастаҷамъӣ татбиқ намудани технология мебошад .

Марҳилаи чорум ин ба таври зиёд истеҳсол намудани мол ба воситаи технологияи инноватсионӣ мебошад.

Марҳилаи панҷум – истеҳсолот хусусияти умумӣ пайдо карда ва амалисозии ҷараёни истеҳсолот дигар ниёз ба дониш, малака ва таҷрибаи махсус намебошад. Дар дохили ин истеҳсолот андеша ва фикрҳои нав ҷиҳати беҳтар кардани нишондодҳои техникӣ-иқтисодӣ ва технологияҳои қадима арзи вуҷуд мекунанд. Гузариш аз як навъи технология ба навъи дигари он асоси меъёри даврабандии зинаҳои рушду тараққӣ мебошанд.

Таҳқиқотҳо дар соҳаи чорводории гӯштӣ гузаронидаи мо нишон доданд, ки рушди соҳа фақат дар сурати мавҷуд будани шароити зерин имкон дорад: қонеъ гардонидани тағйиротҳои пешниҳодӣ мутобиқ ба талаботи бозор, бартарияти технологии таҷҳизоти ивазшаванда, омодагии мудирияти ширкат (муассиса) ба ворид кардани навгониҳо, мутобиқати молҳо ба сохтори созмонёфтаи муассиса; натиҷаи дарёфти даромад; боло бурдани рақобатнокӣ.

Метавон панҷ муқаррароти муваффақонаи Кунерро мисол овард, ки рушди бо муваффиқияти ҳар гуна соҳаи хоҷагии халқро таъмин мекунад[1].

**Ҷадвали 1. - Марҳилаҳои рушд**

| № | Нишондиҳанда | Маълумоти мухтассар |
|---|---|---|
| 1 | Моли олидараҷа | Моли тақсимкунанда дар навъи худ ягона ва барои харидор афзалияти иловагидиҳанда. |
| 2 | Консепсияи глобалии мол | Ҳазф ва таҳияи мол аз ҳамон худи аввал ба бозори ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. |
| 3 | Таҳлили аввалиндараҷаи интенсивӣ | То оғози таҳия захираҳои кадрӣ ва молиявӣ барои асосноккунии амиқи техникию иқтисодӣ ҷудо карда мешавад. |
| 4 | Формулбандии дақиқи консепсия | Рӯйхати вазифаҳои мушаххас, интихоби бозори мақсаднок, интихоби хусусият ва ба намоишгузории коло |
| 5 | Ҳамоҳангсозии байникорӣ | моли нав – кори тамоми ширкат аст, ташкил намудани НИОКР – Истеҳсолт - маркетинг, лозим аст. |
| 6 | Ҳимояи корбурд | Ба ҷойи дахолати мустақим , сохтори махсусе лозим аст, ки аз навоварӣ, захираҳо, тарзи дуруст ба роҳ мондани раванд ҳимоят намояд |
| 7 | Истифодаи синергия | Тарафҳои пуркудрат бо истифода аз синергизми технологӣ ва бозоргонӣ: |
| 8 | Ҷамъбасти бозорҳо | Ин омил боиси муваффақият шуда, аммо заифии дигар омилҳоро ҷуброн нахоҳад кард |
| 9 | Интихоби пешакӣ | Бурду бохтро метавон пешбинӣ кард: усули арзёбии пешакӣ масъалаи қабул карданро осон мегардонад. |
| 10 | Назорат | Назорат аз болои ҷараёни таҳия омили назорат аз болои иҷроиши нақша таҳия барои муваффақият хеле муҳим аст. |
| 11 | Дастрасӣ ба захираҳо | Барои муваффақияти тарҳ доштани кадрҳо ва захираҳои молиявӣ зарур аст ва онҳоро чун сармоягузорӣ бояд пиндошт на чизи изофие. |
| 12 | Нақши омили замон | Зуд ворид шудан ба бозор – ин сарчашмаи афзалияти рақобат мебошад, аммо ин мақсад набояд дар ивази паст кардани сифат ба даст оварда шавад |
| 13 | Протседураи бисёрзинагӣ | Корро марҳила ба марҳила пеш бурдан лозим аст. Марҳилаи бисёр муҳим дар муаррифии мол арзёбии марғубияти он рақобатнокӣ ва самаранокии иқтисодии он мебошад. |

**Муаллиф дар доираи маводи Мухин В.В. Разработка институциональных форм, структур и систем управления инновационной деятельностью- Москва, 2008.- С.142, таҳия намудааст.**

Марҳилаи муҳими пешбурди молҳо арзёбии ҷаззобияту марғубияти коло рақобатнокӣ ва самаранокии иқтисодии онҳо мебошад. Дар амри амалӣ намудани ин аҳдоф меъёрҳои аз тарафи Кумитаи ИМА доир ба арзёбии молҳои ҷадид қабул кардааст, мавриди истифода қарор мегирад (бавуҷудоянда, инкишофёбанда, устувор ва дар марҳилаи таназзул): замони умри навгонӣ (1-3 сол, 3-5, 5-10 сол), имконоти бозор – пулӣ, тақозои харидорон, дастрасии бозор – нарх, сатҳи сифат. Мавҷуд будани меъёрҳо ба истеъмолкунанда имкон хоҳад дод, доир ба идоракунии модернизатсияи соҳа, муассиса, шакли он қарори асоснок қабул намояд. Нишондиҳандаҳои самаранокии арзёбии ба унвони судмандии даромад, арзнокии муқоисавӣ мавриди истифода қарор мегирад. Агар ду нишондиҳандаи аввалӣ дар мамлакати мо ба таври васеъ мавриди истифода қарор бигирад, нишондиҳандаи арзиши муқоисавӣ – ин эҳтимолияти муваффақияти соҳибкорӣ вобаста ба сифати моли нав ва дигар омилҳои иқтисодӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулоса омад, ки рушд - ин тағйирёбие аз як ҳолат ба ҳолати дигаре мебошад, ки дар маҷмӯъ боиси самаранок кардани корхона мебошад. Дар ин робита се самти асосӣ муайян карда шудааст, боиси фаъолнокии ташкилӣ ва модернизатсияи истеҳсолот мебошад: ташаккули сохтори ташкилӣ, ки самаранокии синергетикии модернизатсияро таъмин менамояд; афзоиши миқдори шаклҳои таовунӣ ва дигар воҳидҳо; ташаккул додани сиёсати аграрие, ки боиси ҳавасмандноки истифодаи технологияи инноватсионӣ мебошад. Истифодаи принсипҳои муносибатҳои системавӣ дар

методологияи ифодакунии рушди соҳаи чорводорӣ баррасии онро ҳамчун системаи муназзами бузург пешбинӣ мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Винер Н. Творец и будущее- М.: Аст, 2003
2. Мухин В.В. Разработка институциональных форм, структур и систем управления инновационной деятельностью- Москва, 2008
3. Ростоу В. Стадии экономического роста. The Stages of Growth- Нью-Йорк, 1981
4. Хикс Д. Теория экономической истории
5. Шумпетер И. Теория экономического развития, 1990
6. Шмальгаузен И. Вопросы дарвинизма / под редакцией Медведева И.М. -Москва: Наука, 1990


**АННОТАЦИЯ**

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ЖИВОТНОВОДСТВО И ЕГО КЛАССИФИКАЦИИ**


Автор в своей статье анализирует теоретические основы развития животноводство и его классификацию. Он указал, что в теории развития рассматривается как форма исторического сознания, где анализируется настоящее и уровень будущего развития. Автор также делает вывод что развитие - это переход от одной ситуации к другой, что в целом приводит к эффективному предпринимательству.


**ANNOTATION**

**THE THEORETICAL BASIS OF ITS DEVELOPMENT AND CLASSIFICATION**


In his article the author analyzes the theoretical basis of development and its classification. He pointed out that in theory, development is treated as a form of historical consciousness, where one analyzes the present and the future and determines the level of future development. The author also concludes from his research that development is a change from one situation to another, which in general results in an effective enterprise.



***Keywords:*** *economy, development, livestock, efficiency, classification, economic efficiency, development stages, development classification.*